# ФИЛЧА

Силсилаи «Китобчаи нахустини ман»



Филчае буд хокистарранг. Хартуми калону чор пояш, тану гӯшҳои калонаш, ҳатто думчаи майдаҳаки зебояш хокистарранг буд.
Вале Филча ин рангро дӯст намедошт.



**КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 19/10 | .2014 | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

Боре Гӯрхар ба ӯ ду сатилча ранги сиёҳу сафед овард.
– Бигир!
– Ташаккур! – гуфт Филча.



1835

Тӯтӣ ҳам парида омаду гуфт:
– Ана, ранги сурхи маро гир!
– Ташаккур! – гуфт Филча.



Товуси нозанин ранги сабзу кабуд дод:
– Марҳамат, бигир!
– Ташаккур! – гуфт Филча.



Хар як сатил ранги ҷигарӣ овард:
– Бигир!
– Ташаккур! – гуфт Филча.



Палангбачча як сатилча ранги зард дод:
– Бигир!
– Ташаккур! – гуфт Филча.



Филча шодон рангҳоро бардошта рафт.
– Оҳ, чӣ хуб! Ӯ акнун ҳафт ранг дорад! Сурх! Сафед! Сиёҳ! Сабз! Кабуд! Ҷигарӣ ва зард!



Рӯзи дигар ӯ ба сайругашт баромада назди дӯстонаш омад. Дӯстонаш ӯро нашинохтанд. Гӯрхар гуфт:
– Ин Филча магар?
Тӯтӣ гуфт:
– Ин Филча нест!
Товус гуфт:
– Ин Филчаи мо не!
Хар гуфт:
– Магар ин Филча аст?
Палангбачча гуфт:
– Ин Филча не!
Онҳо ба Филча нигоҳ намекарданд.



Филча хеле ғамгин шуд. Вай ба ҳавз даромад. Ҳама рангҳои баданашро шуст.
Боз мисли пештара хокистарранг шуд.
Ва ба сайругашт баромад.



Дӯстонаш ӯро шинохта хурсандона нидо карданд.
– Ин Филча дӯсти мо!
Ҳама якҷоя тамоми рӯз бозӣ карданд.
Филча хеле хушнуд буд.
Ба ӯ ранги хокистарӣ дигар хеле маъқул буд.



Китобхонаи
Ҷумҳурии
1835



**ФИЛЧА**
**(барои кӯдакони синни томактабӣ)**


**Бозгӯи** **Сабрин аз китоби “Филча Рупа”-и Майк Пател**
**Ороиш** **Давид Гиффорд**
**Тарҷумон** **Раъно Каримова**
**Муҳаррир** **Юсуфҷон Аҳмадзода**



ТҶБ «Истиқбол», 2013, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16
Тел: (99237) 238-53-01, (918) 82-94-75
www.istiqbol.org istiqbol.tj@list.ru

Ба чопаш 25/05/2013 имзо шуд.
Андозаи 14,8x21,0.
Ҷузъи чопи 1,0. Теъдод 5000 нусха.
Нархаш шартномавӣ.

9 789994 753932

Дар интишороти IMAK ба чоп расид.